**Тақриз**

**ба диссертатсияи Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна дар мавзуи “Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон**

Сарфу наҳви забон маҳсули рушд ва инкишофи давраҳои гуногуни забон буда, марҳилаҳои пурпечутобро аз сар гузаронида, имрӯз қолаби муайяни худро устувор гардонидааст. Бинобар ин, таҳлилу таҳқиқи осори адибони муосир дар муайян намудани воситаҳои грамматикии забони адабӣ, равшан кардани тараққиёти он нақши муҳим мебозад. Сарфу наҳви забон бо вуҷуди таҳқиқи чандасрааш, ҳанӯз паҳлӯҳои норавшани зиёд дорад ва яке аз вазифаҳои дастуршиносони забони тоҷикӣ омӯхтани мукаммали хелҳои ҷумла ба шумор меравад, зеро ҷумла яке аз воҳидҳои муҳимтарини нутқ буда, муошırати байни одамонро таъмин мекунад. Диссертатсияи Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, аз муқаддима се бобу хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи рисола чун анъана матолиби муқаддимотиро дарҷ намуда, ҳамчунин қайд менамояд, ки мақсади таҳқиқоти мазкур аз баррасии ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон ва нишон додани вижагиҳои наҳвӣ дар романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода мебошад. Нишон додани хусусияти хоси ҷумлаҳои содаву мураккаб ва ҷумлаҳои зертобеи он яке аз масъалаҳои хеле мубрам ва доманадори илми забоншиносӣ ба шумор рафта, дар доираи як рисолаи илмӣ фаро гирифтани тамоми паҳлуҳои он ғайриимкон аст.

Муаллифи диссертатсия кӯшидааст дар таҳқиқоти мазкур ба ҳадафҳои пешгузоштаи худ ноил шавад ва як рисолаи мукаммали илмиро дар доираи ҷумлаҳои забон дар мисоли романи “Фирдавсӣ”-и Сотим Улуғзода ба анҷом расонад.

Диссертант дар боби аввал, ки “Воҳидҳои наҳвӣ дар забон” ном дорад, дар панҷ зерфасл андешаҳои забоншиносон, олимону муҳаққиқони русу

Аврупо ва форсу тоҷикро доир ба сохтори ҷумла ва анвои он оварда, ҳамчун муҳаққиқ дар баҳсҳои забоншиносон мавқеи худро муайян намудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаи романи "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода" унвон дошта, дар доираи 13 зерфасл таҳқиқ шудааст. Унвонҷӯ Юсупова Б. дар зерфасли "Вижагиҳои сохтории ҷумлаи содаи роман" қайд менамояд, ки "То кунун вижагиҳои луғавию маъноӣ, морфологӣ, калимасозӣ ва наҳвии насри Сотим Улуғзода ба таври пурра таҳқиқ нашудаанд" ва бори дигар сабаби таҳқиқи ҷумлаҳои содаи асарро асоснок менамояд.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар се зерфасл ҷумлаҳои мураккабро аз ҷиҳати сохт таҳқиқ намуда, вижагиҳои корбурди онҳоро дар асар нишон додааст. Муаллифи диссертатсия дар фасли ҷумлаи мураккаби пайваст 10 навъи воситаи алоқа дар ҷумлаи мураккаби пайвастро муайян ва бо далелу мисолҳои сершумору муътамад устувор кардааст: 1) пайвандак, 2) интонатсия, 3) мутобиқати шакли феълӣ ва хабари ҷумла, 4) тартиби ҷумлаҳо, 5) элипсис, 6) бандакҷонишинҳо, 7) такрори калима, 8) воҳидҳои нисбӣ, 9) аъзои умумӣ, 10) мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ.

Яке аз муваффақиятҳои диссертант дар он зоҳир мегардад, ки навъҳои ҷумлаи мураккаби пайравро дар алоҳидагӣ бо овардани мисолҳои мушаххас аз романи "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода пажуҳиш намудааст.

Ҷиҳатҳои дигари хуби диссертатсия хулосабарориҳои мушаххаси илмӣ мебошад, ки дар охири ҳар боб дар алоҳидагӣ оварда шудааст.

Диссертант дар таълифи ҳар боби диссертатсия аз дастовардҳои навини олимон ва пажуҳишҳои дигар бамаврид истифода бурда, иқтибосҳо овардааст, ки онҳо ба боло рафтани сифати кор мусоидат кардаанд. Муҳимтар аз ҳама дар ҳар боби диссертатсия муаллифи рисола андешаҳои худро пешниҳод намудааст, ки аз асолати кор гувоҳӣ медиҳад ва ба навгонии кор ишорат мекунад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудиҳо мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Номи кор ба таҳқиқи ҷумла бахшида шудааст, вале чанд ҷой сухан дар бораи ибора меравад (с.9-10), ҳол он ки дар мундариҷаи кор ба таҳқиқи ибора ишора ё банде дида намешавад.

2. Дар мундариҷаи диссертатсия бояд номи фаслу зерфаслҳо пурра ифода шавад.

3. Мулоҳизаҳо ва тавзеҳот дар бораи наҳв такрор ба такрор омадааст (с. 20, 40, 50) онҳоро як ҷо мураттаб овардан лозим аст.

Камбудиҳои мазкур ислоҳшавандаанд ва арзиши умумии рисоларо кам намесозанд.

Хулосаи диссертатсия, ки аз 22 банд иборат мебошад, ба мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар пеш гузоштааст, пурра мувофиқат менамоянд. Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар маҷаллаву маҷмуаҳои гуногуни илмӣ нашр намудааст.

Мақолаҳои интишорнамуда ва автореферати диссертатсия мазмуни асосии рисоларо ифода мекунанд.

Диссертатсия бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна дар мавзуи "Ҷойгоҳи ҷумла дар низоми наҳви забон (бар мабнои романи "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.19 – Назарияи забон таҳқиқоти анҷомёфта буда, дар омӯзиши наҳви забон қадами ҷиддӣ ва устуворе ба ҳисоб меравад.

Диссератсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳу савияи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-35 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №627 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба дараҷаи таҳқиқ, баррасӣ, таҳлил ва

хулосабарорию натиҷагириҳо дар диссертатсия муаллифи он Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

Диссертатсияи мавриди ташхис, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таълиф шудааст, барои дифоъ ба Шурои диссератсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои зикршуда пешниҳод карда шавад.

**Муқарриз:**
д.и.ф., профессор, мудири кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Қосимов Олимҷон Ҳабибович

**Имзои Қосимов О.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:**
Сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода
Даминова Соҷида Азимовна

28.03.2023